09 08 2019

**Дар заминаи хамкорихои харбӣ ва харбӣ – техникӣ миёни Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон ва Вазорати мудофиаи Чумхурии Мардумии Чин охири мохи июли соли равон дар дар яке аз гарнизонхои Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон машкхои муштараки зиддитеррористӣ миёни низомиёни хар ду кишвар ташкил ва баргузор мегардад.**

Дар ин бора Ориф Нозимиён, сардори маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон, ба рӯзномаи «Чумхурият» иттилоъ дод. Бино ба маълумоти манбаъ, дар ин машкхо хайати шахсии Кӯшунхои хушкигард, Куввахои харбӣ - хавоӣ ва мудофиаи зиддихавоӣ, хайати шахсии Кӯшунхои зудамали Артиши миллӣ, Кӯшунхои дохилии Вазорати корхои дохилӣ, Гвардияи миллӣ, Кумитаи холатхои фавкулода ва мудофиаи граждании назди Хукумати Чумхурии Точикистон иштирок менамоянд. Дар ин размоиш чархболу хавопаймо, парашутистхо ва дигар силоху мухимоти чангӣ истифода мешавад.

- Хадаф аз баргузории чунин машкхои муштарак миёни Точикистон ва Чин вобаста ба тахдиду хатархои чахони муосир, аз чумла терроризм ва ифротгароӣ дар сатхи минтака ва чахон, мебошад. Аниктараш кишвархои хамсархад дар хамохангӣ метавонанд бар зидди чунин зухурот истодагарӣ намоянд. Хамзамон, максад сайкал додани тачрибаи хайати шахсии ширкаткунандагон, ташкили амалиёти муваффаконаи чангӣ, хамохангии сохторхои низомии хар ду кишвар дар сурати ба вукӯъ пайвастани хатархои эхтимолӣ, баланд бардоштани кобилияти чангиву чисмонӣ бар зидди унсурхои мухталифи террористӣ мебошад, - гуфт Ориф Нозимиён.

**Лашкар ШАРИФЗОДА,**
**«Чумхурият»**